Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, ш. Душанбе, х. Борбад 48/5, бинои таълимии "В")

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizi расмӣ, доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Давлатов Алиҷон Азизбекович ба диссертатсияи Барнои Файзи Тағоймуродзода дар мавзуи «Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Мавзуи кори диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит мувофиқат мекунад: 1.18 – Методологияи ташаккули нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ, ки дар сатҳи микро – ва макроиқтисод маҷмуи иҷтимоӣ иқтисодиро тавсиф мекунанд; 1.25 – Назария ва методологияи контроллинг; 1.27 – Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки контроллинги идоракунӣ; 2.12 – Назария ва методологияи контроллинг.

## Мубрамияти мавзуи диссертатсия

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо дарназардошти вазъи муосири сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ ва таъсири он ба фаъолияти ташкилотҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ

мебошад. Дар шароити буҳронҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва рақобати афзоянда, зарурати ташаккули низоми идоракунии самаранок, мутобиқшаванда ва иттилоотӣ барои ташкилотҳо, махсусан барои бонкҳои тиҷоратӣ, ба масъалаи калидӣ табдил ёфтааст. Таъмини иттилоотии раванди идоракунӣ ҳамчун асоси қабули қарорҳои оқилона ва саривақтӣ, нақши муайянкунанда дошта, маҳз контроллинг метавонад ҳамчун воситаи муассири такмили чунин система хизмат намояд.

Бо вуҷуди он ки масъалаҳои умумии менеҷмент дар осори олимони ватанӣ то андозае мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, бахши контроллинг ҳамчун унсури муҳими низоми идоракунӣ дар шароити иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври кофӣ ва мукаммал омӯхта нашудааст. Ҳамзамон, рушди устувори соҳаи бонкӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисоди миллӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти олии кишвар ба таври махсус таъкид мегардад, ки ин зарурати таҳқиқи амиқи механизмҳои идоракунии самаранок, аз ҷумла контроллингро боз ҳам бештар месозад. Илова бар ин, гуногунандешии олимон нисбат ба мақом ва робитаи байни контроллинг ва баҳисобгирии идоракунӣ, номуайян будани нақши контроллинг дар раванди муқаррарсозии ҳадафҳо, таҳия ва назорати нишондиҳандаҳои фаъолияти ташкилот, инчунин мавҷудияти мушкилот дар низоми идоракунии хавфҳои бонкӣ аҳамияти таҳқиқоти пешниҳодшударо боз ҳам афзун менамояд.

Истифодаи маҳдуди иқтидори контроллинг дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратии кишвар, паст будани сатҳи рақобатпазирии онҳо ва заиф будани ҳамоҳангии ҳадафҳои стратегӣ бо рисолати бонкҳо зарурати таҳияи заминаҳои назариявӣ ва методии навро тақозо менамояд.

Дар маҷмӯъ, мавзуи диссертатсия бо талаботи замони муосир, ниёзҳои воқеии иқтисоди миллӣ ва вазифаҳои рушди устувори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, дорои аҳамияти баланди илмӣ, амалӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки интихоби онро ҳамчун объекти таҳқиқ комилан асоснок месозад.

## Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба ҳаҷм ва гуногунманбаъ будани иттилооти ҷамъовардашуда асос ёфта, аз коркарди маълумоти назариявӣ, манбаъҳои адабӣ, захираҳои интернетӣ ва дигар сарчашмаҳои боэътимод таъмин гардидааст. Натиҷаҳои назариявӣ бо таҳқиқоти дахлдори соҳа мутобиқ буда, пайдарпайии илмии онҳо таъмин шудааст. Маълумоти барои иҷрои кори диссертатсионӣ истифодашуда аз манбаъҳои назариявӣ, адабиёти илмӣ, натиҷаҳои фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон ва сомонаҳои бонкҳои алоҳида ҷойгиршуда ҷамъоварӣ гардидааст. Илова бар ин, маълумоти омории низоми бонкӣ, стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ, барномаҳои рушди соҳаҳои молиявию бонкӣ, инчунин мақолаҳои илмии маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳқиқот ҷалб карда шудаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин менамояд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** пешниҳодшуда дар таҳияи методологияи ҳалли маҷмуи масъалаҳои муҳими воқеӣ, ки бо назарияҳои гуногуни контроллинг ва баҳисобгирии идоракунӣ алоқаманд мебошанд, асос ёфта, ба коркарди методологияи фаъолияти контроллинг ҷиҳати таъмини самаранокии баланди раванди идоракунии бонк ва баланд бардоштани дараҷаи рақобатнокии он дар давраи дарозмуддат равона гардидааст. Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда як қатор натиҷаҳои муҳими илмӣ ба даст омадаанд, ки навгонии илмии кори диссертатсионӣ ва аҳамияти назариявию амалии онро муайян менамоянд, аз ҷумла:

1. Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ таърифи муаллифии контроллинг пешниҳод гардида, ҳамчунин контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун шароитсози ташаккули инфрасохтори низоми мукаммали назорати дохилӣ асоснок карда шудааст.

Бартарии функсионалии он нисбат ба баҳисобгирии идоракунӣ муайян гардида, дар раванди таҳқиқот пешниҳод шудааст, ки баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун зернизоми контроллинг фаъолият намояд, зеро онҳо масъалаҳои ҳаммонандро фаро мегиранд ва чунин равиш ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

2. Дар ҷараёни таҳқиқот модели схемавии амалии равандҳои муқаррарсозӣ, татбиқ, мониторинг ва натиҷагирии ҳадафҳои стратегӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст. Хусусияти фарқкунандаи ин навоварӣ дар он ифода меёбад, ки дар он ҳамгироии функсионалии ду низоми калидӣ — контроллинг ва баҳисобгирии идоракунӣ — ба таври муназзам ва марҳилавӣ нишон дода шудааст. Модели пешниҳодшуда имконият медиҳад, ки идоракунии стратегӣ ва назорати иҷрои ҳадафҳо дар асоси маълумоти воқеии ҳисоботӣ, нишондиҳандаҳои фаъолият (KPI) ва иштироки воҳидҳои масъул амалӣ гарданд, ки дар шароити нокифоя ҳамгиро будани низомҳои таҳлилӣ ва назоратӣ дар бонкҳои ватанӣ ҳамчун навоварии илмӣ ва амалӣ арзёбӣ мегардад.

3. Механизми ҳамгироии низоми контроллинг бо воҳидҳои сохтории бонки тиҷоратӣ асоснок гардида, моҳияти он дар муайянсозии системавии объектҳои контроллинг тавассути таҳлили нуқтаҳои мушкилоти сохтор ва фаъолияти амалиётии бонк ифода ёфтааст. Дар асоси ин таҳлил унсурҳои объектҳои контроллинг ва нишондиҳандаҳои марбутаи онҳо муайян гардида, заминаи устувор барои назорат ва идоракунии раванди ноилшавӣ ба ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат фароҳам оварда мешавад.

4. Методҳои амалкунандаи контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, роҳҳои такмили онҳо тавассути истифодаи технологияҳои муосир пешниҳод гардидаанд. Ҳамзамон, такмили фаъолияти контроллинг ба воситаи таҳияи ҳисоботҳои махсус бо мақсади танзими дараҷаи хавфҳои иҷро нагаштани меъёрҳои ҳатмии БМТ, хавфҳои қарзӣ, бозорӣ, амалиётӣ, пардохтпазирӣ ва комплаенсӣ асоснок карда шудааст.

**Сохтори диссертатсия ва мазмуну мундариҷаи он.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, даҳ зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст. Дар маҷмуъ, матни диссертатсия 199 саҳифаро ташкил намуда, дар он 27 ҷадвал ва 19 расм ҷой дорад.

Дар боби якуми диссертатсия, ки таҳти унвони «Асосҳои назариявии контроллинг дар низоми идоракунии ташкилот» таҳия гардидааст, муаллиф заминаҳои назариявӣ, таърихӣ ва методологии ташаккул ва рушди контроллингро ба таври ҳамаҷониба таҳлил намудааст. Дар зербоби аввали боб – «Заминаҳои таърихии ташаккул ва инкишофи консепсияи контроллинг» равандҳои асосии таърихие, ки боиси пайдоиш ва рушди контроллинг ҳамчун унсури муҳими дастгирии иттилоотии системаи идоракунӣ гардидаанд, мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд (ниг.: ҷадвали 1). Муаллиф бо такя ба манбаъҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад, ки контроллинг нахуст дар ИМА дар охири асри XIX ба вуҷуд омада, минбаъд дар Олмон такмили назариявӣ ёфтааст ва ҳамчун воситаи ҳамоҳангсозии равандҳои идоракунӣ мавқеи устувор касб намудааст.

Муаллиф таърифи муосири контроллингро пешниҳод намуда, онро ҳамчун низоми муташаккили идоракунии иттилоот, таҳлил ва ҳамоҳангсозии равандҳои банақшагирӣ, назорат, ҳисоботдиҳӣ ва таҳлил тавсиф мекунад, ки барои қабули қарорҳои самаранок ва расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, аз ҷумла дар фаъолияти бонкҳо, хизмат менамояд (саҳ. 27). Ҳамчунин фарқияти байни контроллинги стратегӣ ва ҷорӣ бо нишон додани вазифаҳо, мақсадҳо ва самти таъсири онҳо ба фаъолияти ташкилотҳо муфассал асоснок гардидааст.

Дар боб се назарияи маъмултарини контроллинг – идоракунӣ, баҳисобгирӣ ва иттилоотӣ таҳлил гардида, маҳдудиятҳо ва имкониятҳои ҳар яке аз онҳо нишон дода шудаанд. Илова бар ин, муаллиф назарияи чоруми контроллингро, ки ба натиҷаи молиявӣ ва фоидаи ташкилот равона шудааст, пешниҳод намуда, онро ҳамчун равиши муосир ва мутобиқ ба талаботи бозорӣ асоснок мекунад. Ин таҳлил ба ташаккули диди мукаммал оид ба

моҳияти контроллинг ва нақши он дар системаи идоракунӣ мусоидат менамояд.

Қисмати муҳими боб ба таҳлили хусусиятҳои ташаккули контроллинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ ва дар давраи гузариш ба иқтисоди муосир, бахусус дар соҳаи бонкӣ, зарурати ҷорӣ намудани контроллинг ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ба вуҷуд омадааст. Дар ин замина, таҳаввулоти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият бо истифода аз маълумоти оморӣ таҳлил гардидаанд (саҳ. 24). Муаллиф бо такя ба ин маълумотҳо сабабҳои рушди номуназзам, заъфи назорати дохилӣ ва таъсири шароити макроиқтисодиро ба фаъолияти бонкҳо асоснок менамояд.

Ҳамзамон, доираи вазифаҳои контроллинг ба гурӯҳҳои аввалиндараҷа ва ёрирасон ҷудо гардида, нақши онҳо дар қабули қарорҳои идоракунӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилот нишон дода шудааст (саҳ. 44). Муаллиф инчунин принсипҳои асосии фаъолияти контроллинг, аз ҷумла ҳамоҳангсозӣ, системавӣ, фарогирӣ, мутобиқсозӣ ба шароитҳои дохилӣ ва берунӣ, пешгӯӣ ва дастрасӣ будани иттилоотро мураттаб намуда, аҳамияти амалии онҳоро дар ташаккули низоми самараноки идоракунӣ асоснок кардааст.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки таҳти унвони «Масоили ташкилию амалии контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ» таҳия гардидааст, муаллиф ҷанбаҳои амалии татбиқи контроллинг дар низоми идоракунии бонкҳоро таҳлил намуда, механизмҳои ҳамгироии он бо баҳисобгирии идоракунӣ ва системаи қабули қарорҳоро асоснок кардааст. Мақсади асосии боб нишон додани он мебошад, ки контроллинг на танҳо ҳамчун воситаи назорат, балки ҳамчун платформаи иттилоотӣ, таҳлилӣ ва ҳамоҳангсозандаи тамоми равандҳои идоракунӣ баромад менамояд. Ҳадафҳои стратегиро дар бонкҳо тавассути контроллинг ҳамоҳанг намуда, истифодаи SWOT-таҳлил имконият медиҳад, ки қувваҳо, заъфҳо, имкониятҳо ва таҳдидҳо ба таври систематикӣ

арзёбӣ гардида, стратегияҳои рушди устувор таҳия шаванд. Яке аз натиҷаҳои муҳими илмӣ дар ин боб таҳияи механизми ҳамгироии амалии контроллинг ва баҳисобгирии идоракунӣ дар ҳамаи марҳилаҳои идоракунии бонк мебошад, ки дар шакли ҷадвал пешниҳод шудааст (саҳ. 61). Пешниҳоди чунин модели ҳамгироӣ дар шароити низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он ҳамгироии пурраи контроллинг ва баҳисобгирии стратегӣ ҳанӯз ба таври мукаммал амалӣ нашудааст, дорои навоварии илмӣ ва аҳамияти амалӣ мебошад.

Дар идомаи таҳқиқот роҳҳои муайян намудани ҳадафҳо дар фаъолияти бонкҳо таҳлил гардида, ду усули асосӣ – банақшагирӣ аз рӯйи дастовардҳои қаблӣ ва муқаррарсозии бисёрзинагии ҳадафҳо асоснок карда шудаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки усули дуюм, ки дар таҷрибаи баъзе бонкҳои тиҷоратии кишвар, аз ҷумла ҶСК «Бонки Эсхата», истифода мегардад, самаранокии бештар дошта, ба истифодаи маълумоти саҳеҳ ва таҳлили амиқи бозор такя мекунад. Ҳамчунин муаллиф масъалаи фарқияти байни ҳадафҳо ва вазифаҳоро ҳамчун мушкили назариявию амалии идоракунӣ баррасӣ намуда, нишон медиҳад, ки вазифаҳо ҳамчун воситаи амалисозии ҳадафҳо бароманд мекунанд ва дар пайдарпайии иерархӣ аз рисолат бармеоянд ва тавассути стратегия ва вазифаҳо татбиқ мегарданд (саҳ. 70). Дар ҳамин замина, таҳлили рисолатҳои бонкҳои тиҷоратии кишвар нишон медиҳад, ки онҳо бештар хусусияти шиориву таблиғотӣ дошта, ҳадафҳои воқеии молиявӣ ва бозориро пурра инъикос намекунанд, ки ин ҳолат зарурати тақвияти нақши контроллингро дар ҳамоҳангсозии ҳадафҳо ва вазифаҳо боз ҳам бештар мекунад.

Дар боб, робитаи байни стратегияҳои рушди бонкҳо ва воситаҳои контроллинг таҳлил гардида, нишон дода шудааст, ки стратегияҳои камсозии хароҷот, васеъсозии доираи фаъолият ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани системаи мукаммали контроллинг самаранок амалӣ мешаванд. Дар ин замина, воситаҳои асосии контроллинг вобаста ба ҳадафҳои стратегӣ гурӯҳбандӣ шуда, амалҳои мушаххаси иҷрошаванда аз

ҷониби бахши контроллинг муайян гардидаанд (саҳ. 93). Ин ҷадвал нишон медиҳад, ки контроллинг ҳам дар самти баланд бардоштани самаранокии молиявӣ ва ҳам дар тақвияти мавқеи рақобатии бонк нақши калидӣ мебозад. Муаллиф инчунин таҳлили равандҳои рақамикунонии фаъолияти бонкҳо ва таъсири онҳо ба стратегияҳои рушди бонкӣ анҷом дода, нишон медиҳад, ки афзоиши ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҳамчун тамоюли устувори бозори хизматрасониҳои молиявӣ ба мушоҳида мерасад (саҳ. 80). Афзоиши чандинкаратаи ҳаҷми амалиётҳои ғайринақдӣ дар кишвар нишон медиҳад, ки истифодаи технологияҳои муосири молиявӣ ба воситаи муҳими баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва самаранокии фаъолияти бонкҳо табдил ёфтааст, ки ин раванд низ таҳти ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги системаи контроллинг қарор дорад. Муаллиф робитаи баҳисобгирии идоракунӣ ва контроллингро таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун зерсистемаи иттилоотии контроллинг амал мекунад ва ҷойгир намудани бахши контроллинг ҳамчун воҳиди мустақими ҳисоботдиҳанда ба роҳбари ташкилот самаранокии низоми идоракнӣ баланд мебардорад.

Муаллиф марҳилаҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми контроллингро асоснок намуда, нақши онро дар таҳияи нишондиҳандаҳои пулӣ ва вазифаи контроллингро дар ҳамоҳангсозии иттилоот ва таъмин намудани роҳбарият бо маълумоти таҳлилшуда нишон медиҳад. Ҳамчунин муаллиф маҷмӯи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла KPI, CAMELS ва системаи нишондиҳандаҳои мутавозинро таҳлил намуда, афзалиятҳо, маҳдудиятҳо ва принсипҳои ташаккули онҳо (мувофиқат ба ҳадафҳо, фаҳмоӣ, муқоисашавандагӣ ва устуворӣ)-ро асоснок кардааст, ки барои таъсиси низоми самараноки мониторинг ва назорат дар фаъолияти бонкӣ аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ доранд.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки таҳти унвони «Такмили низоми контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ» таҳия шудааст, муаллиф масъалаҳои такмили методологияи контроллинг, таҳияи моделҳои нишондиҳандаҳои

ҳолати ҷорӣ ва ташкили ҳисоботи идоракунӣ ҳамчун абзори асосии назорати хавфҳои бонкӣ ба таври амиқ ва мукаммал таҳлил намудааст (саҳ. 129-174).

Тафсири муаллиф оид ба моҳияти контроллинг ҳамчун зерсистемаи мураккаби идоракунӣ, ки ба таъмини самаранокӣ ва устувории рушди ташкилот нигаронида шудааст, аз нигоҳи назариявӣ асоснок ва мувофиқ ба таҳқиқоти муосири илмӣ мебошад.

Ҷадвали таҳлилии методҳои амалкунандаи контроллинг, ки муаллиф пешниҳод намудааст, ба рецензент имкон медиҳад хулоса намояд, ки ҳар як метод — аз буҷетсозӣ то назорати хавфҳо ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ — дорои афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои мушаххас буда, ба самтҳои гуногуни фаъолияти бонк таъсири назаррас мерасонад (саҳ. 135). Муаллиф дуруст нишон медиҳад, ки татбиқи устувори ин методҳо ба баланд бардоштани шаффофияти молиявӣ, кам намудани сатҳи хавфҳо ва беҳтарсозии сифати қарорҳои стратегӣ мусоидат менамояд.

Муаллиф инчунин аҳамияти хоссаи бахши марбут ба рақамикунонии контроллингро таъкид намуда, асоснок нишон медиҳад, ки истифодаи дашбордҳо, моделҳои таҳлилии пешгӯишаванда ва системаҳои интегратсионии иттилоотӣ ба қабули қарорҳои идоракунӣ дар асоси маълумоти воқеӣ ва фаврӣ шароит фароҳам меорад. Пешниҳоди гузариш ба контроллинги динамикӣ ва рақамӣ ҳамчун марҳилаи навбатии рушди низоми идоракунӣ дар бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон аз нигоҳи амалӣ аҳаммияти баланд дорад. Алгоритми фаъолияти контроллинг, ки дар кор пешниҳод шудааст, аз ҷониби рецензент ҳамчун модели пайдарпай ва мантиқии ҷараёни идоракунӣ арзёбӣ мегардад (саҳ. 133). Муаллиф нишон медиҳад, ки контроллинг на танҳо дар марҳилаи муқаррарсозии ҳадафҳо, балки дар ҷараёни амалигардонӣ, назорат ваислоҳи инҳирофҳо низ нақши калидӣ мебозад. Ин равиш бо талаботи муосири идоракунии стратегӣ ва оперативӣ мутобиқ мебошад. Хусусияти муҳими илмии боби сеюм таҳияи усули муаллифии ташаккули системаи нишондиҳандаҳои контроллинг дар асоси мушкилиҳои мавҷуда мебошад (саҳ. 150). Муаллиф бо роҳи пайвастан

мушкилот, сабабҳо, унсурҳои контроллинг ва нишондиҳандаҳои ченшаванда, модели амалии арзёбии фаъолияти бахшҳои гуногуни бонкро пешниҳод намудааст. Муаллиф махсусан истифодаи нишондиҳандаҳои ғайрипулӣ дар баробари нишондиҳандаҳои пулӣ ва молиявиро ҳамчун афзалияти муҳими усули пешниҳодгардида арзёбӣ менамояд, зеро ин равиш мониторинг ва назорати амалишавии ҳадафҳои стратегиро дар муҳлати тӯлонӣ таъмин менамояд. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки нишондиҳандаҳо бояд бо назардошти тағйирёбии муҳити дохилӣ ва берунии бонк, инчунин тағйирёбии ҳадафҳои стратегӣ, мунтазам бозбинӣ гарданд (саҳ. 120).

Бахши марбут ба таҳияи усули муаллифии назорати риояи меъёрҳои ҳатмии муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон тавассути ҷадвали мониторингӣ аз ҷониби муаллиф ҳамчун навоварии амалӣ ва дорои аҳаммияти баланди амниятии молиявӣ арзёбӣ мегардад (саҳ. 165). Муаллиф нишон медиҳад, ки истифодаи системаи «чароғаки роҳнамо» (сабз, зард, сурх) имкон медиҳад дараҷаи хавфнокии нишондиҳандаҳо ба таври визуалӣ ва фаҳмо барои роҳбарият инъикос гардад. Ин равиш барои таҳкими назорати дохилӣ ва пешгирии хавфҳои системавӣ аҳаммияти хосса дорад (саҳ. 165,168).

Муаллиф инчунин аҳамияти таҳияи ҳисоботи идоракунии хавфҳоро дар доираи низоми контроллинг таъкид менамояд.

Истифодаи бенчмаркинг ҳамчун воситаи таҳлили бозори молиявӣ ва арзёбии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ аз ҷониби муаллиф ҳамчун ҷанбаи муҳими таҳқиқоти амалӣ баҳо дода мешавад (саҳ. 170). Муаллиф дуруст нишон медиҳад, ки интихоби дурусти ташкилотҳои муқоисашаванда ва гурӯҳбандии нишондиҳандаҳо ба ҳафт самти калидӣ (тавозунӣ, даромаднокӣ, пардохтпазирӣ, ғайримолиявӣ, идоракунии хавфҳо, сатҳи хизматрасонӣ ва инноватсияҳо) имкон медиҳад таҳлили мукаммал ва ҳамаҷониба анҷом дода шавад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида бо истифодаи равишҳои муосири назариявию методологӣ, такя ба маълумоти боэътимоди оморӣ, меъёрӣ ва амалӣ, татбиқи усулҳои санҷидашудаи таҳлили илмӣ ва системакунонии иттилоот, мутобиқати мантиқии раванди таҳқиқот ба ҳадафҳо ва вазифаҳои он, инчунин тавассути санҷишу апробатсияи натиҷаҳо дар нашрияҳои илмӣ, конференсияҳо ва муҳокимаҳо бо мутахассисони амалии соҳа, ҳамчунин баҳои мусбати коршиносони соҳаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит ва идоракунии давлатӣ таъмин гардидааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти илми**и диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот заминаи назариявии контроллингро дар низоми идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ такмил дода, равишҳои муосири методологиро пешниҳод менамоянд. Хулосаҳои илмии муаллиф ба густариши дониши илмӣ дар ин самт ва таҳияи тадқиқоти минбаъда мусоидат мекунанд.

**Аҳамияти амали**и диссертатсия дар имконияти татбиқи мустақими тавсияҳо ва моделҳои пешниҳодгардида дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ифода меёбад. Истифодаи онҳо ба такмили низоми идоракунӣ, баланд бардоштани сифати қабули қарорҳо ва самаранокии назорати дохилӣ мусоидат менамояд.

**Аҳамияти иқтисоди**и натиҷаҳои таҳқиқот дар беҳтар гардидани истифодаи захираҳо, коҳиш додани хароҷот, баланд бардоштани даромаднокӣ ва таъмини устувории молиявии бонкҳо зоҳир мегардад. Татбиқи тавсияҳо метавонад ба баланд шудани нишондиҳандаҳои иқтисодии муассисаҳои қарзӣ оварда расонад.

**Аҳамияти иҷтимои**и диссертатсия дар баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти бонкҳо, таҳкими эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳои молиявӣ ифода меёбад. Ин ҷанбаҳо ба рушди устувори иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа мусоидат мекунанд.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.

Доир ба мавзӯи таҳқиқот 33 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 12,8 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 14,2 ҷузъи чопй аз муаллиф) ба нашр расонида шудаанд, ки аз онҳо 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Ба расмият дарории диссертатсия ба муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферата диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) мувофиқ мебошад. Дар бахши муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар ҷиҳатҳои муҳимми диссертатсия инъикос гардидаанд. Меъёрҳои дигари марбут ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвалҳо, расмҳо ва тартиби ороиши рӯйхати адабиёт дар диссертатсия риоя гардидаанд. Камбудиҳои диссертатсия

Кори диссертатсионии ба тақриз пешниҳод шуда дар баробари бартариятҳои дар боло зикр гардида, ба фикри мо, дорой як қатор норасоиҳо низ мебошад:

1. Тавсия дода мешавад, ки таҳлили таҷрибаи хориҷӣ оид ба ҷорӣ намудани низоми контроллинг дар соҳаи бонкӣ васеътар пешниҳод гардад, то ки муқоисаи возеҳтар бо таҷрибаи бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шавад.

2. Дар баъзе қисматҳои рисола мувофиқи мақсад мебуд, ки пешниҳодҳои муаллиф аз ақидаҳои гирифташуда аз адабиёти илмӣ возеҳтар ҷудо карда шаванд, то саҳми илмии муаллиф равшантар нишон дода шавад.

3. Бархе ҷадвалҳо ва нақшаҳо метавонанд бо шарҳ ва тавзеҳоти муфассалтар таъмин гарданд, ки ин ба баланд бардоштани аҳамияти таҳлилии онҳо мусоидат хоҳад кард.

4. Пешниҳод мегардад, ки сохтори баъзе параграфҳо боз ҳам муназзамтар ва мантиқитар гардонда шавад, то мутолиаи матн ва дарки мундариҷа осонтар гардад.

5. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар дар кор баҳодиҳии миқдории самараи иқтисодии татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда пурратар инъикос мегардид, ки ин ҷанбаи амалии таҳқиқотро боз ҳам тақвият мебахшад.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки камбудӣ ва норасоиҳои дар боло номбар шуда, хусусиятҳои тавсиявӣ дошта, ба мазмуну муҳтавои кори диссератсионии иҷрошуда таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва сатҳи назариявӣ, методологӣ ва амалии онро коҳиш намедиҳанд.

Хулоса ва тавсияҳои дар кори диссертатсионӣ оварда шуда натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳоро дар бар гирифтаанд, ки ба такмили назария, методология ва амалияи низоми контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ равона гардидаанд (с. 174-179). Рӯйхати адабиёт 135 номгӯи адабиёти аз тарафи муаллиф истифодашударо, ки ба забони давлатӣ ва хориҷӣ интишор шудааст, дар бар мегирад (саҳ. 180-195).

Хулоса

Бо назардошти натиҷаҳои таҳқиқот, метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи пешниҳодшуда дар сатҳи баланди илмӣ ва амалӣ таҳия гардида, хусусияти таҳқиқоти ҷиддии илмӣ-тахассусиро доро мебошад.

Автореферат мутобиқ ба талаботи амалкунанда тартиб дода шуда, ҳадаф, вазифаҳо ва муҳтавои асосии кори диссертатсиониро пурра инъикос менамояд.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, бояд таъкид намуд, ки диссертатсияи Барнои Файзи Тағоймуродзода дар мавзуи «Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 — Баҳисобгирии

бухгалтерӣ ва аудит пешниҳод гардидааст, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии дархостшуда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Муқаррizи расмӣ, доктори фалсафа (PhD),
дотсенти кафедраи баҳисобгирии
бухгалтерӣ ва аудити ДДТТ Давлатов А.А.

Имзои доктори фалсафа (PhD) Давлатов А.А. -ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

Суроға: (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Деҳоти, ½,
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
Телефон:+992(37)234-83-46
Email: tguk2025@gmail.com
Website: www.tguk.tj